# ДАСТУР ВА НАМУНАИ АРИЗА ОИД БА ҲАЛЛИ БАҲСҲОИ МЕҲНАТӢ

Тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳар кас ба меҳнат, интихоби касбу кор ва ҳифзи меҳнат ҳуқуқ дорад.

## Ҷазоҳои интизомӣ

Барои вайрон кардани интизоми меҳнат, чунин намудҳои ҷазои интизомӣ татбиқ карда мешаванд:

- сарзаниш;
- танбеҳ;
- танбеҳи қатъӣ;
- қатъ намудани шартномаи меҳнатӣ бо ташаббуси корфармо.

## Татбиқ намудани ҷазои интизомӣ дар намуди қатъ намудани шартномаи меҳнатӣ бо ташаббуси корфармо

Озод намудани корманд бо асосҳои зерин чораи ҷазои интизомӣ мебошад:

- бе сабабҳои узрнок уҳдадориҳои меҳнатиро, ки шартномаи меҳнатӣ ё қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатӣ ба зиммаи корманд гузоштааст мунтазам иҷро накардани ӯ, агар ба корманд пештар чораҳои ҷазои интизомӣ татбиқ шуда бошанд;
- бе сабабҳои узрнок ба кор ҳозир нашудан, аз ҷумла дар давоми рӯзи корӣ зиёда аз 3 соат набудан дар ҷойи кор;
- дар ҳолати мастӣ бар асари истеъмоли машруботи спиртӣ, воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё моддаҳои дигари мадҳушкунанда ҳозир шудан ба кор;
- эътибори қонунӣ пайдо кардани қарори мақомоти дахлдори давлатӣ оид ба дуздии молу мулк ва дигар кирдорҳое, ки давом додани корро истисно менамоянд;
- аз тарафи корманд содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳои дорои хусусияти коррупсионидошта, ки дар асоси санади судӣимконияти минбаъд давом додани корро истисно менамоянд;
- аз тарафи корманд давом додани иштирок дар корпартоӣ баъд аз ба маълумоти ӯ расонидани қарори суд дар хусуси ғайриқонунӣ эътироф намудани корпартоӣ ва ё манъи корпартоӣ;
- аз тарафи роҳбари мақомоти иҷроияи корфармо, муовини ӯ ва ё роҳбари сохтори корфармо вайрон намудани уҳдадориҳои меҳнатӣ, ки боиси расонидани зарари моддӣ ба корфармо гардидааст;
- аз тарафи корманд вайрон намудани қоидаҳои ҳифзи меҳнат ё бехатарӣ аз сӯхтор ва ё ҳаракат дар нақлиёт, ки боиси оқибатҳои вазнин, аз ҷумла ҷароҳат ва садама гаштаанд ё метавонанд гарданд;
- аз тарафи корманд фош намудани маълумотҳои дорои сирри давлатӣ ё дигар сирри бо қонун ҳифзшаванда, ки ба ӯ ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои

меҳнатӣ маълум шудаанд;
- вайронкунии дағалонаи якдафъаинаи Кодекси Меҳнат ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби роҳбари ташкилот (воҳидҳои алоҳидаи он) ва муовинони ӯ;
- аз ҷониби корманде, ки бо дороиҳои пулию молӣ бевосита кор мекунад, содир намудани кирдори зиддиҳуқуқие, ки барои нисбат ба ӯ гум шудани боварии корфармо асос мегардад;
- аз ҷониби корманде, ки вазифаҳои тарбиявиро иҷро менамояд, содир кардани рафтори бадахлоқона, ки барои давом додани он кор мувофиқ намебошад.

### Ин масъала муҳим аст!

Ба корманде, ки ғайриқонунӣ аз кор озод карда шудааст ё ба кори дигар гузаронида шудааст, қонунгузорӣ кафолат додааст, ки ба тариқи судӣ ба фоидаи ӯ музди меҳнати давраи ноилоҷ ба кор набаромадан, зарари маънавӣ, хароҷотҳои судӣ ва ғ. рӯёнида шаванд.

Тибқи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, корманде, ки ғайриқонунӣ ба кори дигар гузаронида ё ғайриқонунӣ аз кор озод карда шудааст, аз ҷониби худи корфармо ё суд ба кор барқарор карда мешавад.

**Баҳсҳои зерини меҳнатӣ аз ҷониби суд баррасӣ ва ҳал карда мешаванд:**
- оид ба радкунии корфармо барои қабул кардан ба кор;
- оид ба ғайриқонунӣ аз кор озод намудан ва ба кори дигар гузаронидани корманд;
- оид ба пардохт кардани вакти маҷбуран ба кор ҳозир нашудан, хароҷоти иловагӣ вобаста ба шикоят дар бораи ғайриқонунӣ ба кори дигар гузаронидан ё озод кардан аз кор, ҷуброни зарари маънавӣ;
- оид ба беэътибории шартномаи меҳнатӣ;
- оид ба амали (беамалии) корфармо, ки ба ҷамъоварӣ, коркард ва ҳифзи маълумотҳои шахсии корманд алоқамандӣ дорад;
- оид ба ҷуброни зарари моддии ба корфармо расонидашуда;
- оид ба ҷуброни зараре, ки роҳбар ба ташкилоти давлатӣ расонидааст;
- оид ба кор қабул накардани зани ҳомила, занон ё дигар шахсони дорои уҳдадориҳои оилавӣ, ки кӯдаки то сесола ё кӯдаки маъюб доранд ва кам кардани музди меҳнати онҳо;
- оид ба ҷуброни зарар бо сабаби бад шудани саломатӣ ё фавти корманд.

## Муҳлати пешниҳод кардани ариза ба суд

Аризаи даъвогӣ ба суд оид ба барқарор кардан ба кор дар муҳлати як моҳ аз рӯзи ба корманд супоридани нусхаи санади корфармо (фармон, фармоиш, қарор, амр) дар бораи қатъ карда шудани шартномаи меҳнатӣ, ё рӯзе, ки корманд аз гирифтани он саркашӣ намудааст, пешниҳод карда мешавад.

Аризаи даъвогӣ ба суд оид ба дигар баҳсҳои меҳнатӣ дар муҳлати се сол аз рӯзи хабардор шудани корманд ё корфармо дар бораи вайроншавии ҳуқуқҳояшон, муқаррар карда шудааст.

### Дар хотир дошта бошед!

Баҳисобгирии муҳлати мурочиат ба суд барои корманд ва корфармо аз рӯзи хабардор шудани онҳо дар бораи вайроншавии ҳуқуқҳояшон оғоз мешавад.

## Диққат!

Дар зер намунаи аризаи даъвогӣ ба суд дар бораи бекор кардани фармоиши кордиҳанда дар бораи аз мансаб озод намудан, барқарор намудан ба ҷои кори (мансаби) пештара, рӯёнидани музди меҳнати давраи ноилоҷ ба кор набаромадан, рӯёнидани зарари маънавӣ ва хароҷотҳои судӣ оварда шудааст. Ҳангоми зарурат Шумо метавонед аз ин намуна истифода баред.

*Намуна*

**Ба суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе**

**Даъвогар:** *(насаб, ном ва номи падари даъвогар)*, **истиқоматкунандаи** *(суроғаи истиқомати (муваққатии) даъвогар)*, **рақами телефон:** *(рақами телефони даъвогар)*

**Ҷавобгар:** Хадамоти назорати давлатии меъморӣ ва сохтмонӣ, суроға (*суроғаи ҷойгиршавии ҷавобгар)*:

**АРИЗАИ ДАЪВОГӢ**
**/Дар бораи бекор кардани фармоиши Хадамоти назорати давлатии меъморӣ ва сохтмонӣ дар бораи аз мансаб озод намудан, барқарор намудан ба ҷои кори (мансаби) пештара, рӯёнидани музди меҳнати давраи ноилоҷ ба кор набаромадан, рӯёнидани зарари маънавӣ ва хароҷотҳои судӣ/**

Ба маълумоти суд мерасонам, ки дар асоси фармоиши Сардори Хадамоти назорати давлатии меъморӣ ва сохтмонӣ дар бораи аз мансаб озод намудан аз санаи 07.10.2015 сол, №240 ба мансаби мутахассиси гурӯҳи санҷишии Хадамот таъин карда шудаам.

Дар асоси фармоиши Сардори Хадамоти назорати давлатии меъморӣ ва сохтмонӣ аз санаи 11.01.2024 сол, №35 дар асоси модддаи 42 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва банди 10-и Низомномаи Хадамоти назорати давлатии меъморӣ ва сохтмонӣ, аз санаи 11.01.2024 сол аз мансаби мутахассиси гурӯҳи санҷишии Хадамот озод карда шудам.

Фармоиши мазкурро бе асос ва хилофи қонун мешуморам ва бо асосҳои зерин бекор кардани Фармоиши мазкурро талаб намуда, барқарор намуданамро ба мансаби пештара ишғолнамуда, рӯёнидани музди меҳнати давраи ноилоҷ ба кор набаромадан ва дигар хароҷотҳоро хоҳиш менамоям.

Фармоиш ба талаботи дар моддаи 42 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон асос карда шуда, ман аз мансаби ишғолнамудаам озод карда шудаам.

Ваҷҳи корфармо оид ба озод намуданам аз мансаб ин аст, ки фаъолияти кории ман ғайриқаноатбахш мебошад, вале дар фармоиши корфармо ишора ба қисм ва банди талаботи моддаи дахлдори Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас ва асоснок қайд карда нашудааст, зеро моддаи 42-и Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор асосҳоро барои қатъ кардани шартномаи меҳнатӣ пешбинӣ намудааст.

Зиёда аз ин, бо фармоиши Сардори Хадамоти мазкур аз санаи 15.08.2023

сол, №44, ба ман барои натиҷаҳои хуби корӣ рутбаи тахассусӣ дода шудааст, ки ин фармоиш ба фармоиши аз мансаб озод намуданам ба куллӣ мухолифат менамояд, зеро агар натиҷаи кори ман ғайриқаноатбахш мебуд, пас бо кадом асосҳо ба ман рутбаи тахассусӣ дода шудааст?

Ҳангоми аз мансаб озод карда шуданам меъёри дахлдори ин модда татбиқ карда нашуда, номаълум мебошад, ки дар асоси кадом банди қисми 1-и моддаи 42-и Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз мансаб озод карда шудаам. Бинобар ин, аз мансаби ишғолнамуда озод карда шуданам хилофи қонун мебошад.

Зиёда аз ин, қатъ кардани шартномаи меҳнатӣ бо ман ин як намуди муҷозоти интизомӣ ба шумор рафта, талаботҳои дар боби 5-и Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд риоя гардад.

Мутобиқи талаботи қисми 1-и модддаи 62 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои аз ҷониби корманд вайрон кардани интизоми меҳнат, корфармо ҳуқуқ дорад ҷазои интизомӣ татбиқ намояд.

Мутобиқи талаботи қисми 1-и модддаи 63 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷазои интизомӣ аз ҷониби корфармо бо роҳи қабули санад татбиқ карда мешавад.

Мутобиқи талаботи қисми 2-и ҳамин модда, корфармо уҳдадор аст баёноти хаттии кормандро то татбиқ намудани ҷазои интизомӣ талаб намояд. Дар ҳолати рад намудани корманд аз додани баёнот санади дахлдор тартиб дода мешавад. Рад намудани корманд аз додани баёноти хаттӣ наметавонад барои татбиқи ҷазои интизомӣ монеъ гардад.

Аммо корфармо пеш аз қатъ кардани шартномаи меҳнатӣ бо ман, аз ман баёноти хаттӣ талаб карда нагирифта, муайян накардааст, ки кадом фаъолияти кориам ғайриқаноатбахш ба шумор меравад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар Хадамоти назорати давлатии меъморӣ ва сохтмонӣ Иттифоқи касабаи кормандон амал менамояд.

Мутобиқи талаботи қисми 1-и модддаи 44-и Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бекор кардани шартномаи меҳнатӣ бо ташаббуси корфармо (моддаи 42 Кодекси мазкур) баъд аз пешакӣ, на дертар аз ду ҳафта, огоҳ намудани иттифоқи касабаи дахлдор ё дигар намояндагони кормандон сурат мегирад.

Мутобиқи талаботи қисми 2-и ҳамин модда, кумитаи иттифоқи касабаи дахлдор ё дигар намояндагони кормандон бояд дар муҳлати даҳ рӯзи гирифтани пешниҳоди шахсе, ки ҳуқуқи бекор намудани шартномаи меҳнатиро дорад, ба корфармо дар бораи қарори қабулшуда доир ба додани розигӣ барои бо корманд қатъ кардани шартномаи меҳнатӣ дар шакли хаттӣ хабар диҳад.

Мутобиқи талаботи қисми 3-и ҳамин модда, корфармо ҳуқуқ дорад шартномаи меҳнатиро на дертар аз як моҳи гирифтани розигии Кумитаи иттифоқи касаба ё намояндагони дигари кормандон қатъ намояд. Аммо ин меъёри қонун аз ҷониби корфармо - Хадамоти назорати давлатии меъморӣ ва сохтмонӣ ҳангоми қатъ намудани шартномаи меҳнатӣ бо ман ва аз мансаби ишғолнамудаам озод намуданам дағалона вайрон карда шуда, ин меъёри қонун риоя карда нашудааст.

Мутобиқи қисми 1-и моддаи 10 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон,

корфармо бо мақсади танзими муносибатҳои меҳнатӣ дар доираи ваколатҳои худ мутобиқи Кодекси мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаи меҳнатӣ, созишнома ва шартномаҳои коллективӣ санадҳо қабул менамояд.

Тибқи талаботи қисми 2-и ҳамин модда, санадҳои корфармо, ки ҳолати ҳуқуқии кормандонро дар муқоиса бо Кодекси мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаи меҳнатӣ, созишнома ва шартномаҳои коллективӣ бад мекунанд, эътибор надоранд ва татбиқ намегарданд.

Тибқи талаботи қисми 1-и моддаи 54 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, корманде, ки ғайриқонунӣ ба кори дигар гузаронида ё ғайриқонунӣ аз кор озод карда шудааст, аз ҷониби худи корфармо ё суд ба кор барқарор карда мешавад.

Тибқи талаботи қисми 2-и ҳамин модда, ҳангоми баррасии баҳс дар суд корфармо уҳдадор аст, зарурат ва асоснокии ба кори дигар гузаронидан ё аз кор озод кардани кормандро исбот намояд.

Тибқи талаботи қисми 1-и моддаи 55 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳангоми аз ҷониби суд ё корфармо ба кор барқарор намудани корманд, корфармо уҳдадор аст, ҷуброни зарари ба корманд расонидашударо пардохт намояд.

Тибқи талаботи қисми 2-и ҳамин модда, ҷуброни зарар аз инҳо иборат аст:- ҳатман пардохт кардани вақти маҷбуран ба кор ҳозир нашудан ба андозаи на камтар аз музди меҳнати аз даст дода; - ҷуброни хароҷоти иловагӣ вобаста ба шикоят дар бораи ғайриқонунӣ ба кори дигар гузаронидан ё озод кардан аз кор (маслиҳати мутахассисон, хароҷоти судӣ);- имконпазирии ҷуброни зарари маънавӣ.

Тибқи талаботи қисми 3-и ҳамин модда, ҳаҷми ҷуброни зарари маънавиро суд бо назардошти арзёбии амали корфармо муайян мекунад, вале он аз музди миёнаи моҳонаи корманд камтар буда наметавонад.

Тибқи талаботи қисми 2-и моддаи 206 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба корманде, ки ба кори пештара барқарор карда шудааст, музди миёнаи моҳонааш барои ҳамаи давраи ноилоҷ ба кор набаромаданаш (аз кор дур карданаш) ё фарқи музди меҳнати барои давраи иҷрои корҳои каммузд пардохт карда мешавад.

Бинобар ин, бо назардошти ҳолатҳо ва меъёрҳои қонуни меҳнат, ки дар боло қайд намудаам, бояд фармоиши Сардори Хадамоти назорати давлатии меъморӣ ва сохтмонӣ аз санаи 11.01.2024 сол, №35 дар бораи аз мансаб озод намуданам бекор карда шуда, ман ______________ *(ному насаби даъвогар*) ба вазифаи (мансаби) пештараам мутахассиси Хадамоти назорати давлатии меъморӣ ва сохтмонӣ барқарор карда шуда, музди меҳнати давраи ноилоҷ ба кор набаромаданам аз санаи аз мансаб озод шуданам то рӯзи ба мансаб барқарор карда шуданам, зарари маънавӣ дар ҳаҷми на кам аз як музди меҳнат ва маблағи хароҷоти судӣ 200 сомонӣ, ки барои маслиҳати ҳуқуқӣ ва таҳияи аризаи даъвогӣ пардохт намудаам, ба фоидаи ман рӯёнида шаванд.

Дар асоси талаботи моддаи 54, қисмҳои 1, 2 ва 3-и моддаи 55, қисми 2-и моддаи 206-и Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаҳои 60, 134-135 Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз суд

**ХОҲИШ МЕНАМОЯМ:**

Фармоиши Сардори Хадамоти назорати давлатии меъморӣ ва сохтмонӣ аз санаи 11.01.2024 сол, №35 дар бораи аз мансаб озод намудан, ки мутобиқи он ман Саидов Саид Саидович, аз вазифаи (мансаби) мутахассиси Хадамоти назорати давлатии меъморӣ ва сохтмонӣ дар гурӯҳи санҷишӣ, аз санаи 11 январи соли 2024 озод карда шудаам, бекор карда шавад.

Ман, ____________ *(ному насаби даъвогар)*, ба вазифаи (мансаби) пештараам мутахассиси Хадамоти назорати давлатии меъморӣ ва сохтмонӣ дар гурӯҳи санҷишӣ, барқарор карда шавам.

Аз ҳисоби корфармо - Хадамоти назорати давлатии меъморӣ ва сохтмонӣ ба фоидаи ман, _______________*(ному насаби даъвогар)*, музди меҳнати давраи ноилоҷ ба кор набаромаданам рӯёнида шавад.

Аз ҳисоби корфармо - Хадамоти назорати давлатии меъморӣ ва сохтмонӣ ба фоидаи ман, _______________ *(ному насаби даъвогар)*, зарари маънавӣ ба андозаи на кам аз як музди меҳнат, рӯёнида шавад.

Аз ҳисоби корфармо - Хадамоти назорати давлатии меъморӣ ва сохтмонӣ ба фоидаи ман, _______________ *(ному насаби даъвогар)*, хароҷоти судӣ ба маблағи 200 сомонӣ, рӯёнида шавад.

Аз корфармо - Хадамоти назорати давлатии меъморӣ ва сохтмонӣ нусхаҳои фармоишҳо дар бораи ба вазифа таъин карданам, дар бораи ба вазифа (мансаб) озод карданам, протоколи ҷаласаи васеъи кормандони Хадамот ва дар бораи рутбаи тахассусӣ додан, ба таври тасдиқшуда талаб карда гирифта шавад.

**Замима:**

1. 2 адад нусхаи аризаи даъвогӣ;
2. Маълумотнома аз ҷои истиқомати даъвогар;
3. Нусхаи шиносномаи даъвогар;
4. Нусхаҳои фармоишҳо дар бораи ба вазифа таъин кардан;
5. Нусхаи фармоиш дар бораи аз вазифа (мансаб) озод кардан;
6. Нусхаи расиди пардохти хиҳмати ҳуқуқшинос.

**Даъвогар :** _____________________ __. __. _____________________

(ному насаб) (имзо)

“_____” _____________________ ________

(санаи пешниҳод намудани ариза)